Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА –014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/4

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмуроникунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Қисмати муҳими идоракунии муносибатҳои молиявӣ-андозбандӣ ин такмили механизми маъмурикунонии андоз ба ҳисоб рафта, он аз пиёда намудани сиёсати андозӣ, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллии кишвар мақоми муҳим бозида, барои таъмини суботи молиявӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои молию пулӣ мусоидат менамояд. Ин раванд ба мушкилоти омӯзиши масъалаи мазкур, хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, такмили фишангҳои танзими давлатии механизми маъмурикунонии андоз ва дар маҷмӯъ худи низоми андозбандӣ сахт вобаста буда, барои таъмини саривақтии қисмати даромадҳои буҷети давлатии сатҳои гуногун равона карда мешавад.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бахшида шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода шудааст.

Дар автореферат пешниҳод шудааст, ки бо назардошти начандон хуб рушд кардани фаъолияти соҳибкорӣ дар қисман минтақаҳои Тоҷикистон, махсусан минтақаҳои кӯҳӣ, коэффитсиентҳои танзимкунандаи андоз муқаррар карда шаванд, ки дар ин минтақаҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат карда, маъмурикунонии андозҳоро сода ва иҷрои уҳдадориҳои андозро барои субъектҳои соҳибкорӣ ва назорати риояи қонунгузории андозро барои мақомоти андоз камхарҷ менамояд

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалию методии диссертатсия метавонанд барои муайян намудани алгоритми ҷараёнҳои маъмуроникунонии андоз истифода шаванд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳиммияти автореферат баъзе камбудиҳои низ дар автореферат ҷой дорад:

1. Хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: расми 4-и дар автореферат овардашударо (саҳ.122), ки сухан сари масъалаи танзими давлатии низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам чуқуртар мавриди таҳлил қарор медод;
2. Дар матни автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст.

Новобаста аз пешниҳоди ҷойдошта автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шуда, муаллиф мустақилона доир ба такмили механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меояд, ки диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам мавзуи рӯзмара буда, ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи молия ва қарзи**
**Доншгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, н.и.и, и.в., дотсент** **Комилов Н.Б.**

**Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918579290, E-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru**

**Дурустии имзои Комилов Н.Б.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**